«Тасдиқ мекунам»
**Раиси Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини татбиқи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон**

**_____________ М. Давлатов**
**«14» ноябри соли 2013**

## Нақшаи чорабиниҳо оид ба қайду эродҳои хотимавӣ нисбати гузориши шашум — ҳаштуми давравии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Кумита оид ба аз байн бурдани табъизи нажодӣ дар иҷлосияи ҳаштоду якуми он (6-31 августи соли 2012) қабул шудааст

| № | Шарҳи тавсияҳо | Чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунан-дагон | Манабъҳои маблағгузорӣ | Натиҷаҳои иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардани таърифи табъизи нажодӣ мутобиқи Конвенсияе, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию хусусиро фаро мегирад ва минбаъд баланд бардоштани огоҳии судяҳоро дар бораи меъёрҳои байналмилалӣ, ки дар сатҳи миллӣ татбиқ мешаванд, таъмин менамояд | Баррасӣ кардани масъала дар бораи мувофиқи мақсад будани ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ ё таҳияи қонуни ҷудогона дар бораи огоҳсозӣ ва пешгирии табъизи нажодӣ | 2013-2015 | ВА, ША, ВҲИ, ПГ | | Таҳлили мувофиқи мақсад будани воридсозии тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ анҷом дода шуд ва таклифу тавсияҳои даххлдор пешниҳод шудаанд |
| 2 | Аз нав дида баромадани қонунгузории ҶТ бо мақсади фарогирии тамоми унсурҳои моддаи 4-и Конвенсия ва таъмини риояи он | Омӯхтани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар бораи тарғиби амалисозии моддаи 4 дар қонунгузории дохилӣ ва ироаи пешниҳодҳо оид ба татбиқи моддаи номбаршуда | 2013-2015 | ВА, ША, ВҲИ, ПГ | | Таҳлили ҷорӣ намудани механизми амалисозии моддаи 4-и Конвенсия дар қонунгузории дохилӣ анҷом дода шуд |
| 3 | Гузаронидани таҳлили амиқи сабабҳои набудани шикоятҳо ва арзёбӣ барои зарурати тадбирҳои иловагӣ оид ба огоҳсозӣ ва пешгирӣ аз амалҳои табъизи нажодӣ, таъмини воситаҳои ҳимояи ҳуқуқии қурбониён мутобиқи муқаррароти Конвенсия бо дарназардошти тавсияҳои умумии зикршуда | Баргузор кардани таҳлили сабабҳои набудани шикоятҳо ва аз рӯи имконият қабул кардани тадбирҳои иловагӣ оид ба огоҳсозӣ ва пешгирӣ аз амалҳои табъизи нажодӣ, таҳияи механизми ҳимояи ҳуқуқии қурбониён мутобиқи муқаррароти Конвенсия | 2013-2015 | ША, ВҲИ, ПГ | | Таҳлили сабабҳои набудани шикоят-ҳо дар бораи амалҳои табъизи нажо-дӣ анҷом дода шуд ва пешниҳодҳо барои қабули тадбирҳои иловагӣ оид ба огоҳсозӣ ва пешгирӣ аз амалҳои табъизи нажодӣ омода шуданд ва механизми иловагии ҳимояи ҳуқуқии қурбониёни табъиз мутобиқи муқар-рароти Конвенсия таҳия гардид |

| № | Шарҳи тавсияҳо | Чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунандагон | Манбаъҳои маблағгузорӣ | Натиҷаҳои иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Васеъ кардани иштироки шахсони ба ақаллиятҳои этникӣ (қавмӣ) тааллуқдошта, аз ҷумла занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ. Баланд бардоштани сатҳи намояндагии онҳо дар парламент ва дигар муассисаҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла бо роҳи қабули тадбирҳои махсус | Омӯхтани масъалаи иштироки шахсони тааллуқдошта ба ақаллиятҳои этникӣ (қавмӣ) ва баланд бардоштани сатҳи намояндагии ин шахсон дар системаи қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ,таҳияи Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" | 2013-2015 | ККЗО, ША, ВҲИ | | Масъалаи васеъ кардани иштироки шахсони ба ақаллиятҳои этникӣ (қавмӣ) тааллуқдошта омӯхта ва сатҳи намояндагии ин шахсон дар тамоми шохаҳои ҳукумат баланд бардошта шуд ва пешниҳодҳои дахлдор омода карда шуданд Қонуни ҶТ "Дар бораи пешги-рии зӯроварӣ дар оила" қабул карда шуд |
| 5 | Қабул кардани стратегия бо мақсади беҳсозии вазъияти ҷӯгиҳо, таъмини ҳимояи онҳо аз табъиз ва стигматизатсия (доғи нанг) ва ташвиқ кардани ҳуқуқи онҳо ба таҳсилот, шуғл, манзил ва хизматҳои тиббӣ. Ташкил кардани маъракаҳои иттилоотию ташвиқотӣ барои таҳаммулпазирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагӣ аз ҷониби аҳолӣ дар робита ба ҷомеаи ҷӯгиҳо | Дида баромадани масъалаи мувофиқи мақсад будани қабули стратегия бо мақсади беҳсозии вазъияти ҷӯгиҳо, таъмини ҳимояи онҳо аз табъиз ва стигматизатсия (доғи нанг) ва ҳавасманд кардани онҳо ба таҳсилот, шуғл, манзил ва хизмати тиббӣ | 2013-2015 | ВМҲИА, ВҲИ, КТР | | Масъалаи мувофиқи мақсад будани қабули стратегия барои беҳтар намудани вазъияти ҷӯгиҳо омӯхта шуд |
| 6 | а) Бекор кардани ҳолате, ки зиндагӣ кардани гурезаҳоро дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои мушаххас, аз ҷумла Душанбе ва Хуҷанд манъ мекунад;<br>б) Дидани чораҳои зарурӣ бо мақсади ба фироризн таъмин кардани ҳуқуқи кор, табобат ва таҳсилот;<br>в) таъмини ҳимояи муносиб барои кӯдакони гуреза;<br>г) ҳалли проблемаи шахсони бе шаҳрвандӣ ва баррасии масъалаи тасвиби Конвенсияи соли 1954 дар бораи мақоми шахсони бе шаҳрвандӣ ва Конвенсияи соли 1961 дар бораи коҳиши ҳолатҳои бешаҳрвандӣ;<br>ғ) ба анҷом расонидани кӯшишҳое, ки айни замон дар соҳаи қонунгузорӣ ба харҷ дода шуда, ба қабули Қонуни нави ҶТ "Дар бораи шаҳрвандӣ" ва аз нав дида баромадани Қонуни ҶТ "Дар бораи гурезагон" равона шудаанд | а) омӯхтани сабабҳои манъи зиндагӣ кардани гурезагон дар ноҳияҳои ҷудогонаи Ҷумҳурӣ, баррасии имконияти бекор кардани санадҳои вобастаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур;<br>б) таъмини гурезагон бо шароитҳои зарурии корӣ, хизмати тиббӣ ва касбии озоди таҳсилот.<br>с) таҳияи механизми ҳимояи ҳуқуқии кӯдакони гурезагон.<br>d) омӯхтани мақсаднокии қабули имконияти иқтисодии амалисозии Конвенсия дар бораи бешаҳрвандӣ ва Конвенсия дар бораи коҳиши бешаҳрвандӣ;<br>е) таҳияи Қонуни ҶТ "Дар бораи шаҳрвандӣ" ва баррасии зарурати қабул намудани Қонуни ҶТ "Дар бораи мақоми гурезагон" дар таҳрири нав | 2013-2015 | ВКД, ВҲИ, ВТ, ВМ, КДАМ | | Таҳлили маҷмӯӣ оид ба бандҳои а, б, в, г, ғ анҷом дода шуд ва пешниҳодҳо барои ворид кардани тағйиру иловаҳо дар қонунгузорӣ омода шудаанд |

| № | Шарҳи тавсияҳо | Чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунандагон | Манбаъҳои маблағгузорӣ | Натиҷаҳои иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 | Андешидани тадбирҳо барои мубориза бо тиҷорати инсон бо роҳи таъқиби судии шахсони гунаҳкор, таъмини ҷуброн барои қурбониёни тиҷорати инсон ва ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя | Анҷом додани таҳлили қонунгузорӣ ва таҳкими нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати мубориза бо тиҷорати инсон. Таҳияи лоиҳаҳои созишномаҳо ва қарордодҳо бо давлатҳои дигар барои мубориза бо тиҷорати инсон. Бо мақсади васеъ кардани салоҳиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои мубориза бо тиҷорати инсон ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории кишвар | 2013-2015 | КБ, ПГ, ВА, ВКД, ВКХ, ША | | Таҳлили қонунгузорӣ ва таҳкими нақши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати мубориза бо тиҷорати инсон анҷом дода шуд. Лоиҳаҳои созишномаҳо ва қарордодҳо бо давлатҳои дигар барои мубориза бо тиҷорати инсон таҳия карда шудааст. Бо мақсади васеъ кардани салоҳиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои мубориза бо тиҷорати инсон тағйиру иловаҳо ба қонунгузории кишвар ворид карда шудааст |
| 8 | Бояд шароите таъмин карда шавад, ки шахсони бешаҳрвандӣ тавонанд ба таври муассир аз ҳуқуқҳои дар моддаи 5 зикршудаи Конвенсия бе ягон табъиз истифода намоянд | Омӯхтани масъалаи амалисозии моддаи 5-и Конвенсия дар қонунгузории дохилӣ | 2013-2015 | ВА, ВҲИ | | Масъалаи амалисозии моддаи 5-и Конвенсия дар қонунгузории дохилӣ омӯхта шуд |
| 9 | Кафолати мустақилияти Раёсати ваколатдори ҳуқуқи инсон, ба он вогузор кардани захираҳои муносиби инсонӣ ва молӣ барои иҷрои ваколат, аз ҷумла ташвиқ ва назорати ҳуқуқҳо мутобиқи Конвенсия. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи Раёсати ваколатдори ҳуқуқи инсон ё таъсиси муассисаи миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон, андешидани тадбирҳои лозимӣ мутобиқи принсипҳои вобаста ба мақоми муассисаҳои миллӣ, ки ба ташвиқ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд | Гузаронидани таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ваколатдори ҳуқуқи инсон" бо мақсади мутобиқат ба принсипҳои Париж ва дар ҳолати зарурӣ омода кардани тағйиру иловаҳои муносиб дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ | 2013-2015 | ВҲИ | | Таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ваколатдори ҳуқуқи инсон" бо мақсади мутобиқат ба принсипҳои Париж анҷом дода шуд ва пешниҳодҳо барои ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ омода шуданд |
| 10 | Идома додани кӯшишҳо барои таъмини китобҳои мактабӣ ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ. Таҳияи барномаҳои омодасозии муаллимон барои кор бо хонандагон аз шумораи ақаллиятҳо, аз ҷумла таълими касбӣ ба забони модарӣ. Фаъол кардани кӯшишҳо барои ташкили таълим, махсусан дар сатҳи муассисаҳои миёна ва олӣ, ба забонҳои ақаллиятҳо ё забонҳои нишондодашуда мутобиқи эҳтиёҷ ва хоҳиши шахсони ба чунин гурӯҳҳо таалуқдошта | Омода кардани китобҳои мактабӣ ба забонҳои ақаллиятҳо ва таҳияи барномаҳои омодасозии муаллимон барои кор бо хонандагон аз ҷумлаи ақаллиятҳо | 2013-2015 | ВМ | | Китобҳои мактабӣ ба забонҳои ақаллиятҳо омода шуданд ва барномаҳои омодасозии муаллимон барои кор бо хонандагон аз ҷумлаи ақаллиятҳо таҳия шуданд |

| № | Шарҳи тавсияҳо | Чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунан-дагон | Манбаъҳои маблағгузорӣ | Натиҷаҳои иҷро |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | Идома додан ба ҷалби иштироки созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар омодасозии гузориши баъдии давравӣ ва мусоидат ба иштироки онҳо дар кори ҷаласаи оянда, ки гузориши мазкур дар он муаррифӣ мешавад | Ҷалби ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои омодасозии гузориши баъдии давравӣ | 2014-2015 | КТИУБДСҲИ | | Ташкил кардани раванди ҷалби ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои омодасозии гузориши баъдии давравӣ |
| 12 | Татбиқи Эъломияи Дурбан ва Барномаи амалҳои қабулшудаи моҳи сентябри соли 2001аз ҷониби Конфронси байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди нажодпарастӣ, табъизи нажодӣ, ксенофобия ва бетаҳаммулии вобаста ба он, бо дарназардошти Санади ҷамъбастии Конфронс барои баррасии раванди Дурбан, ки моҳи апрели соли 2009 дар Женева баргузор шуд ва воридсозии мазмуни Конвенсия ба конунгузории дохилии худ. Ба гузориши навбатии давравии худ ворид кардани иттилооти мушаххас дар бораи нақшаҳои амалиёти қабулшуда ва чорабиниҳои дигар барои татбиқи эъломияи Дурбан ва Барномаҳои амал дар сатҳи миллӣ | Омӯхтани масъалаи мувофиқи мақсад будани қабули эъломияи Дурбан ва барномаи амал | | ВКХ, ВА, ВҲИ | | Масъалаи мувофиқи мақсад будани қабули эъломияи Дурбан ва барномаи амалиёт баррасӣ шуд |
| 13 | Тасвиби ислоҳот ба банди 6-и моддаи 8-и Конвенсия, ки 15 январи соли 1992 дар ҷаласаи чордаҳуми кишварҳои узви Конвенсия қабул шудааст ва аз ҷониби Ассамблеяи генералӣ дар қатъномаи 47/111 тасдиқ гаштааст. Суръат бахшидан ба равандҳои дохилии тасвиби ислоҳот ба Конвенсия вобаста ба маблағгузории Кумита ва ба таври амалӣ хабардор кардани котиби генералӣ оид ба ризоияти худ бо ислоҳот дар шакли хаттӣ | Омӯхтани масъалаи тасвиби эҳтимолии ислоҳот ба банди 6 моддаи 8-и Конвенсия ва омода кардани пешниҳодҳои дахлдор | 2013-2015 | ВКХ | | Масъалаи тасвиби ислоҳот ба банди 6 моддаи 8-и Конвенсия омӯхта шуда, пешниҳодҳои дахлдор омода карда шуданд |
| 14 | Таъмини нашри гузориши кишвари узв барои аҳли ҷамъият дар замони пешбарии он ба забонҳои давлатӣ ва дигар забонҳои маъмул аз рӯи зарурат. Ҳамчунин, таъмини нашри минбаъдаи қайду эродҳои Кумита дар мавриди гузориш | Нашр ва ҷой додани гузориши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рафти татбиқи Конвенсия оид ба табъизи нажодӣ дар ВАО, сайтҳои ВКХ ва Ваколатдори ҳуқуқи инсон | 2013-2015 | КТИУБДСҲИ, ВКХ, ВҲИ | | Барои нашр ва ҷой додани гузориши миллӣ дар ВАО, сайтҳои ВКХ ва Ваколатдори ҳуқуқи инсон чораҳо дида шуданд |

**Шарҳи ихтисорот:**

**ША** - Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ПГ** - Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ВҲИ**- Ваколадор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ВА** - Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ВКД** - Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ВКХ** - Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ВМҲИА** - Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ВМ** - Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ВТ** - Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**КДАМ** - Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ККЗО** - Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**КТР** - Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**КТИУБДСҲИ** - Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон
**КБ** - Комиссияи байниидоравӣ оид ба мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон